# ПАНДНОМАИ АНӮШЕРВОН

@kitobju

# ПАНДНОМАИ АНЎШЕРВОН

Нашри дувуми таҳриру такмилёфта

Душанбе
«Маориф ва фарҳанг»
2008

Ҳозиркунандаи чоп Аббоси Аълохон
Муҳаррир Асрори Раҳмонфар

**Пандномаи Анӯшервон.** Таҳиякунандаи матн ва муаллифи дебочаву тавзеҳот Аълохон Афсаҳзод, Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2008, 51 саҳ.

«Пандномаи Анӯшервон» аз осори ҷолибу мондагори пандиву ахлоқии ниёкони шакаргуфтори мост, ки номи нигорандаи равоншодаш алҳол номаълум буда, тақрибан дар асрҳои XI-XII офарида шудаааст.

Матни манзума, ки дар иттиқол ба навиштаҳои пандомӯзи гузаштагони дилсӯзамон иншо гардида, ахлоқи ҳамидаи инсониро ситойишу аъмоли ғализаро накӯҳиш мекунад, соли 2005 интишор ёфта, дар муддати кӯтоҳе камёбу касмаёб гардид.

Ҳоло нашри дувуми каме таҳриру такмилёфтаи он дар ихтиёри шумо, хонандагони азиз, гузошта мешавад, то чароғи раҳнамойи рӯзгору рафторатон бошад.

© Нашриёти «Маориф ва фарҳанг», 2008

## ДЕБОЧА

Суннати андарзнависӣ ва пандофаринӣ, ки ҳамчун «андарзнома» машҳур аст, дар адабиёти форсии тоҷикӣ таърихи беш аз 2500 - сола дорад. Нахустин намунаҳои панду андарз дар бахши готҳои «Авасто» зуҳур намуда, дар адабиёти паҳлавии замони Сосониён (224-661 мелодӣ), хусусан, давраи подшоҳии Хусрави Парвез (531-579), ки бо лақаби Анӯшервони Одил маъруф аст, басе ривоҷ пазируфта, дар охири аҳди Сосониён «Андарзномаки Анӯшервон» ва «Пандномаки Бузургмеҳр» чунон машҳур будаанд, ки ҳатто дар дабиристонҳо омӯзонда мешудаанд. Дар замони ислом, аз асри VIII мелодӣ шурӯъ карда, бисёр андарзҳо ба забони арабӣ тарҷума ва баъдтар ба форсии дарии тоҷикӣ баргардонда шудаанд. Устод Рӯдакӣ, Абӯшакури Балхӣ, Дақиқӣ, Абӯалӣ ибни Сино, ба вижа Абулқосими Фирдавсӣ ва муосирони дигари онҳо дар адабиёти навини форсу тоҷик ба ин навъи адабӣ мақоми сазовор бахшида, суннати андарзофариниро ривоҷу густариш додаанд, ки то ҳанӯз идома дорад. Андарзномаҳои шоири бузург Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ва «Зафарнома»-и мансуб ба қалами ҳакими сутург Абӯалӣ ибни Сино, ки манбаъҳои паҳлавӣ доранд, дар ганҷинаи мавъизаҳои форсии тоҷикӣ аз судмандтарин намунаҳои ҳикмати амалӣ ба шумор меравconfigанд. Дар ин миён манзумаи «Андарзномаи Анӯшервон» -и мансуб ба Бадеъи Балхӣ, ки яқинан асли он низ паҳлавӣ ва макони пайдоишаш Эрони Бостон будааст, аз осори басе ҷолиби ахлоқии форсу тоҷик мебошад. Андарзу пандҳо, ҳикмату насиҳатҳо ва васиятҳое, ки дар ин манзума эрод гардидаанд, хирад, дониш, адолат, инсоф, мурувват, саховат, сабр, шикебойӣ ва дигар арзишҳои маънавию ахлоқии шоистаи умумибашариро ситоиш намуда, худшиносӣ, порсойӣ, далерӣ, шуҷоъат, шарм, ҳаё, бурдборӣ ва амсоли инро тарғиб мекунанд.

Ҳамчунин, муаллифи «Андарзномаи Анӯшервон» аз гуфтаҳои Ардаршери Бобакон, «Зардуштнома», «Синдбоднома», «Офариннома» ва бузургони таърих иқтибос оварда, ситам, зулм, кина, ҳасад, ғазаб, лавҳу лаъаб, шитобзадагӣ, аҷала, адоват, суханчинӣ, бухл, дурӯғ, хашм ва дигар падидаҳои аъмоли ношоистаро зери тозиёнаи танқид қарор дода, талқин менамояд, ки инсони нек бояд ҷавониву тандурустӣ ва қудрату тавонойиро ғанимат шуморад, ба қадри неъматҳои Парвардгор бирасад, аз бадӣ, ҳаром, ғайбату бухтон ва кибру ғурур дурӣ ҷӯяд, ҳеҷ гоҳ дар амонате хиёнат нанамояд. Марди покманиш лаҳзае ҳам набояд аз хотир барорад, ки подоши хулқи некӯ некӣ ва ҷазои кирдори зишт бадӣ буда, хушон ба ҳоли ононе, ки ба омӯхтани илм, андӯхтани дониш, густариши корҳои хайр шуғл меварзанд, кӯшойи танвири афкори мардуманд, дар кӯшидану нӯшидан ифрот намеварзанд, раҳм бар бечорагон, дастгирийи ҳоҷатмандон ва парвардани фарзандони ҳалиму солеҳро пешаи худ кардаанд, аз зиштиҳо ба изтироб меафтанд, аз аъмоли шоистаи ҳаммаслакону ҳаммашрабони худ сафо мепазиранду ҳаловат мегиранд. Ҳамагон бояд имон биоваранд, ки худшиносӣ худпарастӣ нест, далериро набояд бо арбадаҷӯйӣ ва шуҷоъатро бо девонагӣ омехт, такаббур, ҳавасронӣ, шаҳват, ғафлат ҳама ҷазойи худро доранд, хиёнаткору ҷинояткор яқин бояд кайфар бибинад.

Ҳамаи ин матолибро гӯяндаи «Андарзномаи Анӯшервон» бо таҳрири шево ва сабки салису зебо ба риштаи назм кашида, ҳадяйи пурарзиши худро ба толибони фазл арза намудааст, ки беш аз ҳазор сол боз арбоби таълиму тарбия ва ҳамагон аз он файз мебаранд ва баҳра мебардоранд.

Аммо дар мавриди муаллифи «Пандномаи Анӯшервон» фикри ягона вуҷуд надорад. Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ин манзумаро мутаъаллиқ ба Бадоеъӣ ном шоире медонад, ки аз зумраи суханварони дарбори Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (998-1030 мелодӣ) буда, Муҳаммад ибни Маҳмуди Балхӣ ном доштааст. Мавсуф меафзояд, ки Бадоеъӣ дорои ашъори маснӯъ будааст. Ҳамчунин, ӯ бахше аз «Пандномаи Анӯшервон»-и мавсум ба

«Роҳат-ул-инсон»-ро ба номи Бадоеъии Балхӣ дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ҷой додааст.

Сипас аллома Саъид Нафисӣ ин манзумаро дар маҷаллаи «Меҳр» (соли дувум, шумораҳои 2 ва 3) мунташир сохта, хотирнишон менамояд, ки баъзеҳо муаллифи «Роҳат-ул-инсон»-ро Бадеъи Балхӣ, яъне Абӯмуҳаммад Бадеъ бинни Муҳаммад бинни Маҳмуди Балхӣ, ҳатто аз ҳамасрони Дақиқӣ (ваф.976) ва Мунҷики Тирмизӣ, дониста бошанд ҳам, ин андеша хатост, зеро «Пандномаи Анӯшервон», ки дар он байте аз Унсурӣ (ваф. 1037) оварда мешавад, гувоҳи он аст, ки муаллифи он дар замони Унсурӣ ва ё баъди ӯ зиндагӣ кардааст. Ба қавли Саъид Нафисӣ, дар муқаддимаи насрии «Роҳат-ул-инсон» ба «Шарафи шоир» ишора рафтааст, ки шояд гӯяндаи маснавии мазкур ӯ бошад. Ин «Шарафи шоир» эҳтимол Абӯшариф Муҷалладии Гургонӣ (асрҳои XI-XII) бошад.

Чун мо дар дасти худ маводу мадраки иловагӣ надорем, дар ин бобат чизи дигаре гуфта наметавонем.

Матни манзума дар асоси «Шарҳи аҳволу ашъори шоирони бедевон дар қарнҳои III, IV ва V ҳиҷрии қамарӣ» (мусаҳҳеҳ Маҳмуди Мудаббирӣ, Теҳрон, 1370, саҳ. 503-520) ба нашр ҳозир карда шуд.

**Аълохон Афсаҳзод**

## Пандномаи Анӯшервон

Сипос аз Худованди чархи баланд,
Ки дар дил нагунҷад аз ӯ чуну чанд.
Ҷаҳонофарин кирдигори сипиҳр,
Фурӯзандаи пайкари моҳу миҳр,
Ба ҷуз бандагӣ мар туро кор нест,
Бад-ин парда-андар туро бор нест!
Ниҳоле зи дониш бикорам ҳаме,
Хирадро бар ӯ  баргуморам ҳаме,
Ки чун чашм гардад варо шоху нард,
Аз ӯ баҳра гирад хирадманд мард!

## Гуфтор андар хирад

Чу дониш бувад бо хирад, биҳтар аст,
Ки кон дониш асту хирад гавҳар аст!
Хирад барнишонад абар тахти оҷ[1],
Хирад барниҳад бар сари мард тоҷ!
Хирадро биёмӯз аз омӯзгор,
Бар омӯхтан – бар ту айбе мадор,
Ки чун бар хирад даст барёфтӣ,
Сар аз роҳи гумроҳ бартофтӣ!
Шавад бар ту равшан, ки Яздони пок
Буруноваранда-ст аз тира хок!
Худойи ҷаҳону ҷаҳонофарин,
Ки бар вай сазад, бегумон, офарин!

## Дар оғози ин сухан гӯяд

Ҷаҳондида диҳқон чунин кард ёд,
Ки Кисро[2] чу тоҷи шаҳӣ барниҳод,
Ба пирӯз рӯзе яке сур кард,
Ҷаҳонро аз оҳарманон дур кард.
Ба доду диҳиш дар ҷаҳон фош гашт,
Ҳама фарши бедодҳо дарнавашт.
Равон шуд ба коми дилаш Моҳу Тир,
Бар ӯ офарин кард барнову пир.
Худойи ҷаҳон комгориш дод,
Ҷавонмардию бурдбориш дод.
Сипоси Худовандро кор баст,
Зи фарзонагон, лоҷарам, бурд даст.
Касеро, ки Эзад бувад раҳнамун,
Нагардад варо бахт ҳаргиз нагун.
Чу якчанд дар подшоҳӣ бимонд,
Ҳунарро ба тахти шаҳӣ барнишонд.
Яке тоҷи фармуд гавҳарнигор,
Бар ӯ дурру ёқут бурда ба кор.
Яке тоҷ тобонтар аз Муштарӣ[3],
Ҳама кас мар ӯро ба ҷон муштарӣ!
Чу Хуршед рахшон зи чархи баланд,
Чӣ аз баҳри пешӣ, чӣ аз баҳри панд!
Бар он тоҷ-бар бисту се кунгара[4],
Ба зевар биёроста яксара!

Ҳама панду ҳикмат, ҳама банду ноз,
Дар ў карда андешаҳои дароз.
Бар он тоҷ-бар Хусрави додгар
Набишта яке «Пандномa» ба зар.
Аз ў ҳар суханро баҳо ҷон ҳазор,
Чу бошад ба чунон сухан хостор.
Аз ин гуна тоҷе бар айвони ўй
Биёвехта буд ба фармони ўй.
Чу Хуршед додӣ ба Ховар[5] навид,
Шудӣ зоғ пинҳон зи бози сапед.
Бипўшидӣ аз нури Меҳр осмон
Музаъфар яке ҷомаи парниён,
Ҷаҳонҷўй Кисро дар он зери тоҷ
Нишастӣ абар хусравӣ тахти оҷ.
Бидодӣ ба расми ниёкон-ш бор,
Шудандӣ ба хидмат бари шаҳриёр.
Аз он тоҷу он пандҳои сутург[6]
Ҳаме дониш омўхт хурду бузург.
Ҷаҳондор ёри ҷаҳоншоҳ шуд,
Баландахтару афсари Моҳ шуд.
Набишта чунон буд абар тоҷ-бар,
Ки эй марди доно, ба худ дарнигар!

**Хештаншиносро аз мо дуруд диҳед**

Касе, к-ў тани хештанро шинохт,
Ба майдони ком аспи иқбол тохт.
Касе, к-ў шиносандаи хештан
Набошад, бувад дев ё аҳраман!
Гар ў хештанро шиносанда нест,

Шиносандаро чашм барканда нест.

Яке достон гуфт марди палос[7],

Ки камтар касӣ, хештанро шинос!

**Чизро ба арзониён арзонӣ доред**

Ҳар он, к-ӯ ба арзониён[8] чизи хеш

Диҳад, судаш аз моя доранд беш!

Ба арзониён гар диҳӣ ҷон, равост,

Бар ин гуфта – бар мардумон – бар гувост.

Чунин гуфт дар «Дафтари Синдбод»,

Ки шоҳӣ зи пешиниён кард ёд,

Ки ман бистадам ганҷ аз мардумон,

Ба арзониён додам аз баҳри ҷон!

**Корро ба донандагон фармоед**

Ҳар он кас, ки бинад хирад ёри хеш,

Ба наздики доно барад кори хеш.

Ба доно супорад зимому лагом,

Ки доно ба ҳар кор бошад тамом.

Зи доно тавон ёфт ороми дил,

Зи нодон наёбад касе коми дил.

Чунин гуфт дар «Дафтари Зардуҳишт»,

Ки мардони доно равад дар биҳишт.

**Балоро  пазира мешавед**

Касе, к-ў бувад бар хирад мубтало,
Гурезанда бошад зи доми бало.
Бало чун бибинӣ, аз ў даргузар,
Макун дар бало хешро хирасар!
Балоҷўй мардум бувад ёри дев,
Набошад дар ў фарри геҳонхидев[9]!
Чунин достон зад яке шоҳи нав:
«Ту ҳаргиз балоро пазира[10] машав!»

## Панди ҳақимон пазиред

Бибояд пазируфт панди ҳаким,
Ки панди ҳакимон биҳ аз зарру сим!
Танатро зи панд аст бисёр суд,
Аз он кас, ки гўяд, бибояд шануд!
Ҳар он, к-ў пазирандаи панд нест,
Ба ҷуз аз дари хорию банд нест!
Чунин гуфт фарзонаи пешбин,
Ки баргашта бисёр гардад замин.

## Ногуфтанӣ сухан магўед

Зи ногуфтанӣ ҳар ки бошад хамўш,
Дилаш аз шунидан наёяд ба ҷўш.
Зи гуфтори беҳуда ҷуз ранҷ нест,
Чу хомўшӣ андар ҷаҳон ганҷ нест!
Басо мардумоно, ки андар ҷаҳон
Зи гуфтори беҳуда доданд ҷон.
Накў гуфт донандаи рўзгор,

Ки гуфтори беҳуда н-ояд ба кор!

## Кори нокарданӣ макунед

Ҳар он, к-ӯ кунад кори нокарданӣ,
Бувад бар раҳи кеши оҳарманӣ[11]!
Зи нокарданӣ корҳо дур бош,
Хирад подшо кун, ту дастур бош!
Ҳар онро, ки гардад хирад раҳнамун,
Бад-он кард, то кор донад, ки чун.
Зи нокарданӣ дур дорӣ барат,
Ба доми ҳавас дарнаёрӣ сарат!

## Кори ноҷустанӣ маҷӯед

Зи ноҷустанӣ кам шавад обрӯй,
Кӣ гӯяд, ки ноҷустаниро биҷӯй?!
Ҳар он, к-ӯ ба ноҷустанӣ дил ниҳад,
Гуле барканад нағзу бар гил ниҳад.
Ба чизе, ки дар ҷустанаш суд нест,
Чу оташ, к-аз ӯ баҳра ҷуз дуд нест!
Накӯ гуфт он хусрави хубрӯй,
Ки чизе, ки онро наёбӣ, маҷӯй!

## Ба корҳо шитоб макунед

Писандида ҳаргиз набошад шитоб,
Шитоб афканад ҷони мардум ба тоб!
Шитобандаро дар ҷаҳон ном нест,
Ба гетӣ шитобандаро ком нест!

Касе, к-ў ба коре шитоб оварад,
Пушаймон шавад зуд, кайфар барад[12]!
Касе, к-ў шитобон ба роҳе равад,
Бараояд зи гоҳе, ба чоҳе равад!

## Ба корҳо сустӣ макунед

Чу хоҳӣ, ки коре кунӣ ногузир,
Чунон кун, ки бошад туро дилпазир!
Ба фарҷому анҷом андар нигар,
Бипаймой аввал накў пову Сар!
Чу вақт андар ояд, бад-ў даст ёз,
Макун кор бар хештан бас дароз.
Ҳар он кас, ки ў сустӣ орад ба кор,
Ба сустӣ фуруд оядаш рўзгор!

## Чу дар коре шавед, берун омаданро некў бингаред

Ба коре, ки андар шудан ройи туст,
Бурун омаданро нигаҳ кун дуруст!
Бибин, гар тавонӣ бурун омадан,
Пас он гоҳ кун азми андар шудан,
Ки бо посбон паҳлавон Ардашер[13]
Яке достон зад, ки рўбоҳи пир
Ба сўрох-андар шуданро шитофт,
Бурун омадан роҳ ҷусту наёфт!

## Корҳоро ба газоф макунед

Газофа[14] бувад кори девонагон,
Газофа надиданд фарзонагон!
Газоф аст гуфтору кори ту лоф,
Ба охир пушаймонӣ орад газоф!
Чунин гуфт дар дафтар он марди ҳур[15]:
«Барандоз ҷома, пас он гаҳ бибур!»
Накӯ гуфт донои некӯсахун,
Ки ҳаргиз ту кори газофа макун!

## Даст ба камари ҳар кас мазанед

Надида касеро гаҳи сулҳу ҷанг,
Нашояд задан дар камаргоҳ чанг!
Ҳама кас чунон дон, ки аз ту биҳанд,
Агарчи ба зод аз ту киҳ ё миҳанд[16]!
Ба зод андарун кард натвон ғалат,
На ҳар боз чанг оварад сӯйи бат[17]!
Шунидам ман аз мардуми пурҳунар,
Ки касро надида, маҷӯяш камар!

## Ба ноозмуда ҳамроҳӣ макунед

Касе, к-озмудиш дар неку бад,
Ба неку ба бад ёри ту ӯ сазад[18]!
Накарда касеро касе озмун,
Бувад бехирад, гар кунад раҳнамун!
Чу норе ниҳад пеши ту марди ҳуш,
Чӣ донӣ, ки ширин бувад ё туруш?!

Яқинат шавад, гар варо бишканӣ,
Шак аз дил бад-он озмун бифканӣ!

**Молро фидойи тан кунед**

Зи баҳри тану ҷон бувад сӯзиён[19],
Касеро, ки хоҳад расидан зиён.
Чу ҷон гашт хоҳад ҳаме коста,
Чӣ дармон, ба ҷуз додани хоста?!
Касеро, ки аз ҷон дареғ аст мол,
Бувад зиндагонӣ бар ӯ – бар вубол[20]!
Агарчӣ азиз аст ҳар ҷой чиз,
Набошад азизе чу ҷони азиз!

**Танро фидойи дин кунед**

Тан аз баҳри дин базл кардан равост,
Чу динро фурӯшанд, ҷонаш баҳост!
Бувад марди диндор фархундабахт,
Мар ӯро бувад дин биҳ аз тоҷу тахт!
Чу риҳлат кунӣ з-ин саройи сипанҷ[21],
Табаҳ гардадат мулкати молу ганҷ[22]!
Бад-он ҷойи ноком ҷуз ҷони пок
Ба корат наёяд, аё ҳушнок!

**Аз ин ҷаҳон номи некӯ баред**

Чу тан дорию бахту ҳар ду ҷавон,
Бияндӯз номи накӯ дар ҷаҳон.!

Ҷавони накӯном воло бувад,

Аз он номи некӯ ба боло равад!

Бувад зиштномӣ ба ҳар ҷой зишт,

Ба зиштӣ набинанд рӯйи биҳишт!

Шунидам, ки Нӯшинравон[23] чун бимурд,

Зи гетӣ ба ҷуз номи некӯ набурд.

## Камозориву бурдборӣ пеша кун

Чу равшан шавад ҷонат аз доду дин,

Камозориву бурдборӣ гузин[24]!

Камозор мардум бувад камзиён,

Бувад шодмона ба ҳар ду ҷаҳон!

Аз озори мардум шавад обрӯй,

Ба зорӣ бимурдаст озорҷӯй!

Ҷаҳондида озори мардум нахост,

Камозор бошӣ, ду гетӣ туросг!

## Хештанро ба ростӣ маъруф кунед

Чу аз ростӣ номи ту шуд баланд,

Ду пойи дурӯғ андаровар ба банд!

Ба ҷуз ростӣ, то тавонӣ маҷӯй,

Ки раста шавад[25] мардуми ростгӯй!

Бувад растагӣ, бешак, аз ростӣ,

Зи каҷжӣ падид оядат костӣ!

Накӯ достон зад дар ин марди нек,

Ки аз ростӣ ёфтам номи нек!

## Хурсандӣ пеша гиред

Ба чизе, ки додат Ҷаҳонкирдигор,
Дилатро бад-он дода хурсанд дор!
Зи бешӣ бувад ҷони мардум фигор,
Чӣ биҳтар зи хурсандӣ, ай хуб ёр?!
Зи бешию оз аст ҷон дар гудоз,
Мабодо касе баста дар банди оз[26]!
Чу хоҳӣ, ки ҳаргиз набошӣ хиҷил,
Ба неку бадӣ дор хурсанд дил!

## Бар бало сабр кунед

Балое, ки пеш орадат чархи пир,
Ба ҷуз сабр кардан набошад гузир[27]!
Бувад баста бо ҳар ғаме нозбоз,
Ки баста-ст бо ҳар нишебӣ фароз!
Ҳар он кас, ки талхии сабр озмуд,
Биёбад муроди дили хеш зуд!
Чунин гуфт гӯянда, чун баршанид,
Ки сабр аст банди балоро калид!

## Маргро фаромӯш накунед

Чу манзил шинос ин ҷаҳони каҳун[28],
Чунон дон, ки ҳар соъат ояд ба бун[29]!
Ба сони яке корвонгоҳ дон,
Бар ӯ ҷумлагӣ халқро роҳ дон!

Ба манзил даранги набошад касе[30],
Аз ин достон ёд дорам басе!
Аз ӯ бигзарад ҷонвар неку бад,
Гурӯҳе дарояд, гурӯҳе равад!

**Дунёро ба нодонӣ магзаронед**

Ба нодонӣ – андар мапаймой роҳ,
Ба бедонишӣ зиндагонӣ махоҳ!
Мадиҳ умр бар бод, агар огаҳӣ,
Ба хорию нодонию аблаҳӣ!
Туро зиндагонӣ Худованди дод
На аз баҳри нодонию ҷаҳл дод!
Накӯ гуфт донои посухгузор,
Ки нодон бувад чун хари бефасор[31]!

**Ба андӯҳи касон шод машавед**

Чу бинӣ касе баста дар банди ғам,
Макаш бар дили худ зи шодӣ рақам.
Ба андӯҳи ӯ шодмона машав,
Ки пеш оядат ончунон нав ба нав!
Чу ту ғам хурӣ дар ғами дигарон,
Надоранд ғам хӯрдани ту гарон!
Ба пеши ҳама касситуда шавӣ[32],
Ба ангушти халқон намуда шавӣ!

**Бар рехтаву сӯхта ғам махӯред**

Чу чизат шавад рехта, сӯхта,
Макун дидаро боз бар дӯхта!
Бувад чиз ҳар гаҳ, ки хоҳӣ ту низ,
Чи суд аст ғам хӯрдан аз баҳри чиз?!
Шикаста бувад чиз ҳам з-ин нишон,
Набояд дар ин ҳеч будат зиён!
Накӯ гуфт фархунда марди хурам,
Ки беҳуда дилро макун ҷуфти ғам!

## Аз балои касон ибрат гиред

Салоҳи ҷаҳон гарчи пайванди туст,
Балои касон ибратафканди туст!
Балои касонро ба ибрат бибин,
Сипоси Ҷаҳонофарин баргузин!
Дилу сар тиҳӣ кун зи боди ҳавас,
Намун аз якеву яке луқма бас!
Шунидам аз онҳо, ки роҳӣ буданд,
Шубон озмуданду сагро заданд!

## Дар корҳо мудоро кунед

Мудоро[33] ба ҳар кор кардан накӯст,
Чи бо зишт душман, чи бо хуб дӯст!
Чу ҳангоми тезӣ мудоро кунӣ,
Зи хоки сияҳ мушки соро кунӣ.
Мудоро балоро бидорад зи ту,
Ҷафову ано боз дорад зи ту!»
Нигаҳ кун, чи гӯяд ҷаҳондида мард:
«Касе аз мудоро зиёне накард!»

## Бо касе ситезаву лаҷоҷ макунед

Лаҷуҷӣ[34] писандидаву нағз нест,
Лаҷуҷӣ ба ҷуз кори бемағз нест!
Макун бо касон, то тавонӣ, лаҷоҷ
Фузунтар макун пойи худ аз давоҷ[35]!
Лаҷоҷ арчи воҷиб кунад бо хирад,
Бияндеш, то худ куҷо дархурад!
Яке пир гуфтаст ҳангоми кӯч,
Ки саг биҳ газанда зи марди лаҷуҷ!

## Фарзандонро пешаи некӯ биёмӯзед

Биёмӯз пеша ту фарзандро,
Ба ҷон бозхар ин накӯ пандро!
Гузида бикун пеша аз пешаҳо,
Дилатро барӣ кун зи андешаҳо!
Чу гӯяндат, он гаҳ тавонӣ шанид,
Ки он мардро ҳаст пеша палид!
Чунин гуфт донойи тозаманиш[36],
Ки бадпеша мардум бувад бадкуниш[37]!

## Пой ба андозаи гилем кашед

Аз андоза бартар маниҳ пойи хеш,
Хирадро нигаҳ дор бар ҷои хеш!
Чу бархезӣ аз хобгаҳ бомдод,
Ба худ дарнигар, то чи-т ояд ба ёд!
Чу аз пойгаҳ пой бартар ниҳӣ,

Шавад номи ту зишт дар аблаҳӣ!
Маро панд додаст марди ҳаким,
Ки поят фузунтар макаш аз гилем!

## Ҷанги касонро ба хештан махаред

Ба худ боз ҳаргиз махар ҷанги кас,
Бипардоз дилро зи кому ҳавас!
Фариза набошад[38] зи баҳри касон
Ба худ баркушодан касонро забон!
Касе, к-ӯ бувад аз мусолиҳ[39] гурез,
Ба худ бо тани хеш ҷӯяд ситез!
Чунин гуфт мӯъбад[40], ки ҷанги касон
Табаҳ кард бояд ба ширин забон!

## Харҷ ба андозаи дахл кунед

Чу дахлат бувад кам, макун харҷ беш,
Ба андозаи дахл кун харҷи хеш!
Макун харҷ даҳ-даҳ, чу дахлат нуҳест,
Ки аз «нест» андар ҷаҳон нанг нест!
Кас аз кадхудойӣ набошад дижам[41],
Набояд табаҳ кард хира дирам!
Шунидам, ки гуфтанд: «Дар рӯзи кор
Яке нониҳода, дигар бармадор!».

## Ба худнониҳода тамаъ макунед

Ба чизе, ки ту ҷой нанҳодайӣ,
Макун тамъ, агар марди озодайӣ!
Накӯҳида бошад бари халқ дузд[42],
Бувад куштани дузд бар халқ музд!
Ба дуздӣ макун даст ҳаргиз дароз,
Агарчанд бошӣ асири ниёз!
Маро панд додаст марди ҷавон,
Ки камтар зи дуздон касеро мадон!

### Аввал ниҳол бишнонед, он гаҳ дарахт барканед

Аз аввал дарахти ҷавона бикор[43],
Пас он гаҳ куҳанро ҳаме бар зи кор!
Яке нонишонда, яке барканӣ,
Бувад, бегумон, хештандушманӣ!
Бад-ин ҳасбу ин ҳолу ин доварӣ
Яке байт гӯяд аҷаб Унсурӣ:
«Чу аз кӯҳ гириву нанҳӣ ба ҷой,
Саранҷом кӯҳ андар ояд зи пой!».

### Чашму забону даст нигаҳ доред

Чу хоҳӣ, ки шаккар хурӣ бекабаст[44],
Нигаҳ дор чашму забону ду даст!
Чу ин ҳар се бошад ба фармони ту,
Бувад раста аз ҳар бадӣ ҷони ту!
Чу хоҳӣ, ки нек оядат рӯзгор,
Хирадро бар ин ҳар се душман шумор!
Басо шермардо, ки дар рӯйи хок

Зи дасту зи чашму забон шуд ҳалок!

**Дар хонаи туҳматзадагон машавед**

Чу хоҳӣ, ки ҳаргиз набошӣ дижам[45],
Манеҳ пой дар хонаи муттаҳам!
Бари он, ки бадном бошад, мапӯй,
Ки олуда гардӣ ба монанди ӯй!
Касе, к-ӯ бари дег ҷӯяд паноҳ,
Чу зери сияҳдег хезад сиёҳ!
Шунидам зи донои гарданфароз,
Ки аз хонаи боз гиранд боз!

**Ба duздон ошнойӣ мадиҳед**

Ба duздон магард, ошнойӣ мадиҳ,
Ба колои эшон гувойӣ мадиҳ!
Ба duздон биёмехтан рой нест,
Ки колои duздон дилорой нест!
Касеро, ки duздӣ бувад роҳу кеш,
Аз ӯ бош тарсанда чун хар зи неш!
Маро гуфт ин панд пайвастамиҳр,
Ки чун duзд бинӣ, бигардон ту чиҳр!

**Бо газофгӯён маншинед**

Касе, к-ӯ занад лофу гӯяд газоф[46],
Макун гирди ӯ, то тавонӣ, тавоф,
Ки аз лофзан кас набинад вафо,
Баланд аст мар лофзанро қафо!

Нишастан раво нест дар лофгоҳ,
Яке лоф бадтар зи сесад гуноҳ!
Чунин гуфт бо ман яке шуҳра зан,
Ки зан биҳтар аз мардуми лофзан!

**Ба ҳамсоягии подшоҳ хона магиред**

Чу бошад хирад мар туро дастгир,
Ба ҳамсояи мир хона магир,
Ки мир арчи бошад ба ту некрой,
Чу бадрой гардад, надорӣ ту пой!
Бари подшаҳ хосаву ома нест,
Ба наздики эшон ҳама кас якест!
Шунидам, ки оташ бувад подшоҳ,
Ба наздики оташ кӣ ҷӯяд паноҳ?!

**Бе ҳамроҳ ба роҳ маравед**

Чу орӣ ба рафтан суви роҳ рӯй,
Аз аввал яке нек ҳамроҳ ҷӯй,
Ки ҳамроҳ бошад туро дастгир,
Чу коре ба пеш оядат ногузир!
Бувад ҳамраҳи нек ҳамрози ту,
Ба неку ба бад гашта дамсози ту!
Чунин гуфт бо ман яке устод,
Ки ҳамроҳу ҳамбози ту нек бод!

**Дар замини шӯра тухм макоред**

Замине, ки бумаш бувад шӯразор,

Дар ў тухм корӣ, наёяд ба кор!
Ба тухму ба шўразамин бингарад,
Касе, к-ў бар ин тар сухан раҳ барад:
Ҳама ҷойи дард асту ҷои ғам аст,
Киро бахт шўр аст, рўзӣ кам аст.!
Чунин гуфт бо ман яке ҳушёр:
«Ба шўразамин ҳеҷ тухме макор!».

## Аз ғаммозон вафо маҷўед

Бувад дархури сад ҳазорон ҷафо,
Ҳар он, к-ў зи ғаммоз[47] ҷўяд вафо!
Ҷуҳуде, ки бошад варо зишт рўй,
Бувад биҳтар аз мардуми ғамзгўй[48]!
Агар дўст дорӣ ту эдар тамиз,
Макун ғамзу машнав зи кас ғамз низ!
Накў гуфт донойи покизаҷон,
Ки ғаммозро сар бибур ё забон!

## Бо бандагон ҷангу бозӣ макунед

Макун бозию ҷанг бо бандагон,
Бипурс, ар надонӣ, зи донандагон,
Ки банда фурўмояву дун[49] бувад,
Набошад чу озода, ҳарчун бувад!
Касеро, ки аз нафси худ шарм нест,
Мар ўро муҳобову озарм[50] нест!
Шунидам зи донойи некўсахун,

Ки бо бандагон ҷангу бозӣ макун!

**Касе, ки хештанро нашояд, аз ӯ бипарҳезед**

Касе, к-ӯ нашояд ба худ, чун сазад,
Ки шояд ба ту, чун нашояд ба х(в)ад?!
Писар, к-он нашояд ба фаррух падар,
Набинад падар хуррамӣ з-он писар!
Яке гурба шуд назди шери жаён,
Ки шоистаи ту манам дар ҷаҳон!
Нашойӣ маро, гуфт шери шикор,
Ки ҳастӣ ту машъуми[51] фарзандхор!

**Аблаҳи модарзодро дору мадиҳед**

Касе, к-аблаҳ аз модари хеш зод,
Нашояд ба доруйи ӯ сим дод!
На кори Худованд корест хурд,
Қазои набишта нашояд сутурд!
Ба гуфтори устоди пешин нигар,
Ки гуфтаст байте биҳ аз сад гуҳар:
«Агар марг дору бигардонадӣ,
Кас андар ҷаҳон ҷовидон монадӣ».

**Девонаву аблаҳро панд мадиҳед**

Ба оқил диҳӣ панд, бошад-т биҳ,
Ба девонаву масту аблаҳ мадиҳ,
К-аз ин ҳар се кас дур бошад хирад,

Дили бехирад пандро нангарад!
Ба мўъбад ҳаме дод панде Қубод[52],
Чунин гуфт мўъбад, ки шаҳ бод шод,
Ки аз панди шаҳ яксара огаҳам,
На масту на девона, на аблаҳам!

## Нон танҳо махуред

Чу Эзад диҳад мар туро нону ном,
Махур, то тавонӣ, ту танҳо таъом!
Бидиҳ нон ба мардум, бахилӣ биҳил,
Ки нонгар зи мардум бувад некдил!
Ба мардӣ касе баста дорад миён,
Ки ноне ниҳад пеши даҳ кас ба хон!
Чунин гуфт он, к-ў баландахтар аст,
Ки ному бузургӣ ба нон-андар аст!

## Зердастонро чўб мазанед

Ба рух ҳар ки шуд пеши ту ҷойрўб,
Нашояд бар ў захм кардан ба чўб!
Дили зердастон маёзор ҳеч,
Ки озор гиранд, бар бад бисеч[53]!
Аз озор хезад басе корҳо,
Аз озор хезад бас озорҳо!
Чунин гуфт озодаи гавҳарӣ,
Ки киҳтарнавозӣ бувад миҳтарӣ.

## Нони худ хуред, сухани бад магўед

Чу дар хони худ нон хурӣ, бад магӯй,
Касеро ба айбе, ки бошад, маҷӯй!
Бувад нокасӣ гуфтани бад зи кас,
Набошад писандида бар ҳеч кас!
Агар нони худро хурӣ, носазо
Ҳадиси касон нест гуфтан раво!
Чу гардад бад аз ту бари дигарон,
Бад ояд туро рӯзе аз ҳамсарон!

## Ба тадбири кӯдакон кор макунед

Агар бо дили ту хирад ҳаст ёр,
Ба тадбири кӯдак макун ҳеч кор!
Дил аз ройи ҳар пиру кӯдак битоб,
Хато ҳам хато, гарчи бошад савоб!
Яке кӯдаки хурд даҳто намад,
Ту гӯйӣ, ки ёрад ба об афканад.
Валекин гаҳи баркашидан зи об
Бибояд-ш сад марди бозӯру тоб!

## Бо занон машварат макунед

Агар ташна бошӣ, ба фармони зан
Махур обу бар оташат об зан!
Ҳар он, к-ӯ занонро мусаххар шавад[54],
Зи мағзи харон мағз чун хар шавад.
Касеро, ки дил бар хирад подшост,
Ба фармони зан кор кардан хатост!
Накӯ гуфт донандаи гарму сард,
Ки занро чӣ кор аст бо кори мард?!

## Пирзанонро ба хона магузоред

Чу хоҳӣ, ки бебок бошад-т дил,
Зани пир ҳаргиз ба хона маҳил,
Ки аз пирзан кас набинад фараҳ,
Ҷавон бо ҷавон, пир бо пир баҳ!
Зани пир ҳарчанд мастуртар[55],
Зи назди зани нек биҳ дуртар!
Чунин гуфт бо ман яке ҳушманд,
Ки бо гург ҳамто макун гӯсфанд!

## Бар занон эмин мабошед

Зи дасти занон чун хурӣ обу нон,
Ҳазар кун, ки кажж аст ройи занон!
Занонро набошад ба як зарра бок,
На аз оташи тезу н-аз тира хок!
Чу зан дил бигардонад аз ростӣ,
Падид ояд андар замон костӣ!
Чунин гуфт марде зи зан пур зи дард,
Ки гар зан набудӣ, будӣ раста мард!

## Забуни занон мабошед

Рухи худ зи андуҳ зарирӣ[56] макун,
Ба дасти зан – андар асирӣ макун!
Ҳар он, к-ӯ асири зани хеш гашт,

Ҳама ҳашмату ҷоҳи худ дарнавашт!

Занон гарчи неканд аз хӯю раг,

Забунгир[57] бошанд монанди саг!

Касе то набошад асиру ҳақир,

Ба дасти зан – андар набошад асир!

**Бар мардуми сифла ранҷ мабаред**

Мабар дил ба ишва ба чуну магар,

Абар мардуми сифла ранҷат мабар.

Ки сифла[58] бувад беҳифозу сафиҳ,

Наёбӣ хисолеву ло ҳусна фиҳ[59]!

Бувад сифла монанди боди дурушт,

Гирифтан нашояд мар ӯро ба мушт!

Чунин гуфт донандаи ҳушёр,

Ки аз сифлагон чашми некӣ мадор!

**Ризои падару модар биҷӯед**

Бигардон зи беҳашматӣ рою рӯй,

Ризои падар в-они модар биҷӯй!

Бувад бар ту-бар ҳаққи эшон басе,

Набошад чу эшон туро ҳар касе!

Агарчӣ Худойи ҷаҳон-т офарид,

Туро аз адам[60] дар вуҷуд оварид,

Яке модарат доду фаррух падар,

Ки парвардат андар бару дар ҷигар!

**Ба ҷони касон зинҳор махуред**

Махур, гар туро ҳаст ҷон ҳушёр,
Ба молу ба ҷони касе зинҳор,
Ки зинҳорхора[61] бувад тирарой,
Накӯҳида наздики халқи Худой!
Ҳар он, к-ӯ ба бад гашт ҳамдостон,
Ба некӣ назад з-ӯ яке достон!
Накӯ гуфт фархунда шоҳи Қубод,
Ки ман бад нахоҳам, ба ман бад мабод!

**Касеро заволи давлат аз осмон мапурсед**

Касе, к-аш бувад давлат аз осмон,
Мадор аз дили ӯ ба дил бад гумон,
Ки бо ҳар ки давлат бувад созгор,
Зи бадхоҳи ӯ кин кашад рӯзгор!
Мадон биҳтар аз давлату бахт чиз,
Ки ӯ мекунад хору зишту азиз!
Чунин гуфт бо ман яке давлатӣ,
Ки камдавлатӣ биҳ зи бениъматӣ!

**Аз табъи бад парҳез кунед**

Аз аввал бидон мардро табъу хӯй,
Пас он гоҳ бо вай баду нек гӯй,
Ки бадтабъ мардум бувад бенамак,
Рутаб гар ниҳӣ пеш, донад хасак[62]!
Қимор арчи бозӣ ту неку зариф,
Аз аввал бидон дасту захми ҳариф,
Ки мӯъбад чунин гуфт бо шаҳрёр:

«Шиносад ҳариф, он ки бозад қимор!».

## Бо дабирон лаҷоҷ макунед

Макун бо дабирон лаҷоҷу хилоф,
Ба хоса, ки донанд дурҷ аз давоҷ[63]!
Дабирон[64], ки донанд расми қалам,
Тавонанд кардан басе бешу кам.
Қалам гарчи тезӣ надорад чу теғ,
Зи нӯги қалам теғ гирад гуреғ!
Қалам кард банди ҷаҳонро калид,
Ҳунарҳо басе дар қалам офарид!

## Аз забони шоъирон парҳез кунед

Зи шоъир битарс, ар туйӣ марди ҳур[65],
Забоншон ба шамшери силлат[66] бибур,
Ки бо шоъирон кас наёрад ситез,
Кунад ҳар кас аз табъи эшон гурез!
Суханҳои эшон ба сулҳу ба ҷанг
Чу нақше бувад канда дар хорасанг!
Шунидам зи донандаи гавҳарӣ,
Ки ҷинсест аз соҳирӣ шоъирӣ!

## Меҳмонро азиз доред

Касе гар расад пеши ту меҳмон,
Бибанд аз пайи хидмати ӯ миён!
Чунон кун, ки хушнуд бошад зи ту,
Ба ҳар чиз пурсуд бошад зи ту,

Ки меҳмон накӯ доштан дарх(в)ар аст,

Тариқи бузургони номовар аст!

Чунин гуфт донандаи тозиён,

Ки бар дод додан бигардад забон!

**Ба зиёрати некон шавед**

Ба бад, то тавонӣ, тиҷорат макун,

Ба ҷуз назди некон зиёрат макун!

Касе, к-ӯ ба некон занад дасти хеш,

Ҳама некӣ ояд-ш ҳар ҷой пеш!

Зи некон шавад мардро ҳол нек,

Ки некон зананд аз бадон фол нек!

Чунин гуфт он хоҷаи солх(в)ард:

«Ман аз некмардон шудам некмард!».

**Аз паси мурдагон сухани бад магӯед**

Касе, к-аш фариза расад эзадӣ,

Паси марг гуфтан бинатвон бадӣ,

Ки бо мурдагон доварӣ кас накард,

Чи суду зиён аз ту бар мурда сард?!

Ҳадиси касе чун кунӣ талху шӯр,

Ки аз ту бинолад равонаш ба гӯр,

Худои ҷаҳонат бигирад бад-он,

Намонӣ ту ҳам низ то ҷовидон!

**Насиҳат аз кас бозмагиред**

Насиҳат зи кас боз ҳаргиз магир,
На аз марди барно, на аз марди пир!
Масал гар бувад душмани бадкуниш,
В-аз ӯ мар туро буда бас сарзаниш,
Насиҳат куну дил зи кин дур кун,
Ки охир шавад огаҳ ӯ з-он сухун!
Чунон кун, ки то зиндагонӣ бувад,
Насиҳат зи ту ройгонӣ бувад!

## Ба моли ҷаҳон кибру уҷб[67] макунед

Ба моли ҷаҳон чун шавӣ бениёз,
Бипарҳез аз кибру кун иҳтироз,
Ки бар кас намонад на иззу на зул[68],
Гаҳе хор пеш ояду гоҳ гул!
Макун ноз ҳаргиз ба моли ҷаҳон,
Нигаҳ кун ба гарданда ҳоли ҷаҳон!
Накӯ гуфт дастури шоҳи Пашанг[69]:
«Макун карру фар, нестӣ ту паланг!».

## Дар миёни зану шавҳар миёнҷӣ макунед

Миёни зану шӯй дар ҷангу хашм
Миёнҷӣ[70] макун, гӯй, бикшой чашм,
Ки чун ҷангу шӯр афтад андар миён,
Ту макшой аз баҳри эшон забон,
Ки чун з-оштишон саломат расад,
Туро з-он саломат маломат расад.

Чунин гуфт доно, чу барзад нафас:
«Туро бо зани хеш кор асту бас!».

## Бо мардуми бад маёмезед

Ба бад мардумон хуш магардон маниш,
Битарс аз бади мардуми бадкуниш,
Ки ҳар к-ӯ бади халқ ҷӯяд ниҳон,
Аз ӯ эманӣ кас наёбад ба ҷон!
Ҳаросон бувад марди озодмард,
Кас аз бадкуниш ёди некӣ накард!
Накӯ гуфт донандаи офият,
Ки баддин бувад мардуми бадният!

## Сухани баду беҳуда магӯед

Мадиҳ, чун сухан зишт бошад, ҷавоб,
Ки зиштӣ ба зиштӣ бувад носавоб!
Ту он гӯ, ки аз асли покат сазад,
Ҳамон, к-аз ҷавонмард хокат сазад!
Ба зиште, ки гӯяд туро зиштгӯй,
Чу посух диҳӣ, мешавӣ зиштрӯй!
Чунин хондаам аз кутубогаҳон:
«Хамӯшӣ биҳ аз посухи аблаҳон!».

## Бекор манишинед

Ҳар он, к-ӯ ба коре барад даст пеш,
Намонад ба бекорӣ аз кори хеш,
Ки бекорӣ андеша бор оварад,

Зи кишта гулат хор бор оварад!
Сипоҳӣ диловар биҳу теғзан,
Раъият фурӯтан биҳу камсухан!
Зи кӯҳ ар ба нохун канӣ санги сахт,
Бувад биҳ зи бекорию шӯр бахт!

## Аз гуфтаи хеш бармагардед

Зи гуфтору кирдори худ бигзарон,
Ки бошад басе айбҳо андар он!
Зи бисёри карда бигӯ андаке,
Ки сад карда гуфта нашояд яке!
Бибояд чашидан басе гарму сард,
Чу хоҳӣ, ки хонандат озодмард!
Накӯ гуфт диҳқони мӯъбаднажод,
Ки гуфтори ман беши кирдор бод!

## Он чи ба забон доред, ба дил-дар ҳамон доред

Сухан чун бигӯйӣ, магӯ бо забон,
Ба дил-дар ҳамон биҳ, ки дорӣ ниҳон,
Ки гар бо забон рост н-ояд дилат,
Пушаймонӣ орад аз ӯ ҳосилат!
Забону дилат рост бояд ба ҳам,
Миёни ду довар макун бешу кам!
Касеро, ки дил бо забон гашт рост,
Раво нест бар вай фузунию кост!

## Ба гуфтори ҳар кас эмин мабошед

Агар ҳаст дар дил туро равшанӣ,
Ба гуфтори ҳар кас мадор эманӣ,
Агарчанд бошад зи пайванди ту,
Масал, гар зани тусту фарзанди ту!
Суханҳои мо гарчи неку бад аст,
Ба гуфтори пайғамбари Эзад аст!
Накӯ гуфт он марди покизадин:
«Ту аз бад нигаҳ дор худро, яқин!».

**Дониш омӯзед**

Биёмӯз дониш, к-аз омӯхтан
Раҳонӣ тани хеш аз сӯхтан!
Аз омӯхтан нанг ҳаргиз мадор,
Чу омӯхтан фахр бошад, на ор!
Нигаҳ кун, ки дар «Номаи офарин»[71]
Чӣ гӯяд сарояндаи покдин:
«Биёмӯз, ҳарчанд битвониё,
Магар хештан шоҳ гардониё!».

**Пеши адибон сухан бо адаб гӯед**

Касе, к-ӯ зи тан беш донад адаб,
Кушода макун пеши ӯ баста лаб!
Ҳар он кас, ки тадбир н-орад ба кор,
Ба кор андарун кори ӯ ҳаст зор!
Ҳушу рою тадбир бояд нахуст,
Чу хоҳӣ, ки кори ту ояд дуруст!
Ба Ҳиндустон гуфт мӯъбад ба рой,
Ки коре макун, ҷуз ба тадбиру рой!

**Аз бахилон дур бошед**

Карона кун аз марди дуну бахил,
Чу хоҳӣ, ки набвад туро қолу қил[72]!
Касеро, ки дил бар бахил аст фом,
Наёбӣ аз ӯ табъи некӯву ном!
Бахилон дахилони олам буванд[73],
Зи ҳар кас ба ҳар ду ҷаҳон кам шаванд!
Накӯ гуфт он хоҷаи камсахун,
Ки ҷонро бибахшу бахилӣ макун!

**Ҷавонмардӣ пеша гиред**

Ҳамеша ҷавону ҷавонмард бош,
Зи дунию беҳосилӣ фард бош,
Ки номи ҷавонмард андар ҷаҳон
Бувад зинда пеши киҳону миҳон!
Нигаҳ кун, ки шоъир чӣ гӯяд ҳаме
В-аз ин хуб гуфтан чӣ ҷуяд ҳаме.
«Ҷавонмардӣ аз корҳо биҳтар аст,
Ҷавонмардӣ аз хӯйи Пайғамбар аст!».

**Сӯҳбат бо миҳтарон кунед**

Суханҳои некӯ шунидан равост,
Чи некӯ сухан дарди дилро давост!
Накӯгӯй мардум чу биштофтанд,

Зи некӯ сухан мардумӣ ёфтанд!
Сухан чун накӯ бошаду аслдор,
Бувад биҳ зи сад гавҳари шоҳвор!
Рухи зишт агарчи пуроҳу[74] бувад,
Ба некӯ сухан зишт некӯ бувад!

**Ба савганд хӯрдан далерӣ макунед**

Касеро, ки дар дил сухан ҳаст хайр,
Ба савганд хӯрдан набошад далер,
Ки савганд хӯрдан хатое бад аст,
На фармони Пайғамбари Эзад аст!
Дил он, к-ӯ ба савганд хӯрдан ниҳод,
Набошад варо баҳра аз дину дод.
Накӯ гуфт он хусрави доддиҳ,
Ки савганд хӯрдан зи алмос биҳ!

**Ба моли ятимон тамаъ макунед**

Макун тамъ ҳаргиз ба моли ятим
В-агар ҳаст худ ҷумла дурри ятим!
Зи суди ятимат бувад пур зиён,
Чу ӯ нолад андар Худои ҷаҳон,
Ки моли ятимону боли ту аст,
Заволи туву ҷону моли ту аст!
Ятим арчи дорад басе зарру сим,
Мар ӯро ҳамон биҳ, ки бошад ятим!

**Саройи фаноро ба сарои баќо арҷ макунед**

Макун арҷа, ҳарчанд бошад ғано,
Сароҷи баҷо бо сароҷи фано[75]!
Шавӣ з-ин ҷаҳони ҷаҳанда ҷаҳон,
Туро он ҷаҳон бѢҳ бувад з-ин ҷаҳон!
Агарчӣ дил аз нақд шодон бувад,
БѢҳ аз нақд нася фаровон бувад!
Накӯ гуфт он хусрави бодахор,
Ки хушшии бода наярзад хумор!

### Дилро ба оз мадиҳед

Чу хоҳӣ, ки набвад туро дил ба ноз,
Макун баста дилро ба ҳирсу ба оз[76],
Ки оз аст ҷони туро банди сахт,
Бувад мардум аз озҳо кӯрбахт!
Ба хурсандӣ аз оз дилро бишӯй,
Сухан, к-озро ҳаст, ҳаргиз магӯй,
Ки б-Одам чунин гуфт хоку замӣ,
Ки аз озҳо шуд ба ноз одамӣ!

### Ба мардумон бад махоҳед

Чу хоҳӣ, набошад туро кор бад,
Ба мардум ҳамон хоҳ, ки хоҳӣ ба х(в)ад!
Ҳар он, к-ӯ ба мардум бадӣ хоҳадо,
Тани ӯ ба бад-дар басе коҳадо!
Бадандеш мардум бувад баднажод,
Чунин ёд дорам ман аз марди род.
Писарро накӯ гуфт шоҳи Яман:
«Макун бад, ки бад бозгардад ба ман!».

## Тўшаи он ҷаҳонро ба дасти худ кунед

Бидиҳ тўшаи онҷаҳонӣ ба даст,
Ки кас дар ҷаҳони ҷаҳон дил набаст.
Чу сад сол гардад ҷаҳон роми ту,
Ҳам охир барояд саранҷоми ту!
В-агар чархи гардон кашад зини ту,
Саранҷом хишт аст болини ту!
Ҷаҳон чун арўсест пуррангу бўй,
Дареғо, ки домодхор аст ўй!

## Кори пирӣ ба ҷавонӣ бисозед

Чу бошӣ ҷавон, кори пирӣ бисоз,
Ки андар ҷавонӣ намонӣ дароз!
Расан гарчи бошад дароз, ай писар,
Ҳам охир ба чанбар дарояд-ш сар!
Ба сармову гармо туро ёд бод,
Ки сармо диҳад, он ки гармот дод!
Шунидам ҷавобе зи доно, пазир,
«Ҷавонам, валекин ба андеша пир!».

## Зан ба гоҳи ҷавонӣ хоҳед

Ба гоҳи ҷавонӣ кун, ар зан кунӣ,
Чи арзан кунӣ, ҷуфти барзан кунӣ!
Ба дил орзухоҳро дил бибин,
Пас он гаҳ ҳаме зан ба муҳраш нигин!
Бидон неку бад, ошкору ниҳон,

Ки то зан ба ту ҳаст ҳамдостон!

Нигаҳ кун, ки бо шоҳ мўъбад чӣ гуфт:

«Сазовори худ ҷўй покиза ҷуфт!».

**Доруйӣ ба тандурустӣ хуред**

Чу дору тан аз дард хоҳад-т шуст,

Махур ҷуз бад-он гаҳ, ки бошӣ дуруст!

Ба бевақт хун кам кун аз тан бурун,

Бар он ода, к-ат ҳаст бекор хун!

Дили ту ба ҳар кор ҳушёр бод,

Ки чунон шунидам ман аз устод,

Ки позаҳр заҳр аст, к-афзун шавад,

Чу з-андозаи хеш берун шавад!

**Ба пирӣ аз зани ҷавон тамаъи некӣ мадоред**

Зи панҷоҳ чун мўйи ту шуд сапед,

Мадор аз ҷавонзан ба некӣ умед,

Ки бо пир ҳаргиз насозад ҷавон,

Чу сozанд, хезад бало дар миён!

Ҷавонзан чу бинад ҷавони ҳажир[77],

Ба некӣ наяндешад аз шўйи пир!

Арўсе ҷавон гуфт бо пир шоҳ,

Ки мўйи сапед аст мори сиёҳ!

**Корҳо ба тадбир кунед**

Чу хоҳӣ, ки бошад дилат бетаъаб,

Ба тадбир кун кору хуш худ талаб,

Ки чун ту сухан гӯйӣ аз пеши ӯй,

На дар бори ӯ оварад оби рӯй!

Ба ҳам ҷӯру ҳампар бувад моғу зоғ[78],

Нашояд ба Хуршед бурдан чароғ!

Чунин гуфт симурғ, чун ин шанид,

Ки натвон фузун аз пари худ парид!

## Аз илм баҳра гиред

Кунад илм кори ту ороста,

Биҳ аз илм набвад туро хоста!

Бияндӯз илму маяндӯз мол,

Ки молат ҳаром асту илмат ҳалол!

Ба олам наёбӣ биҳ аз илм ганҷ,

Мапарҳез, гар ганҷ хоҳӣ, зи ранҷ!

Накӯ достон зад Ҳакими Аҷам[79],

Ки аз илм гаштам ба олам алам!

## Сухан пухтаву баандеша гӯед

Чу лаб баркушоййӣ, сухан пухта гӯй,

Чу нопухта гӯйӣ, шавад оби рӯй!

Суханро бипарвар ба дил дар нахуст,

Ба мизони хуш бар, ба дил кун дуруст!

Пас он гаҳ бигӯ, он чи бошад савоб,

Чунон чун тавонӣ шунидан ҷавоб!

Шунидам зи доно, ки ҷон аз забон

Ба рӯзе дусад бор хоҳад Амон!

## Суханҳои некӯ бишнавед

Чу хоҳӣ, ки бошад туро ному нон,
Макун дурӣ аз суҳбати миҳтарон!
Ҳамеша бари миҳтарон ҷой ҷӯй,
К-аз эшон фазояд туро оби рӯй!
Зи доми фурӯмоягон бозгард,
Чи хезад зи гунҷишки рав боз гард!
Яке достон зад бар ин мард санг
Ки ангур гирад зи ангур ранг!

## Ҳоҷат аз хешон хоҳед

Чу хоҳӣ ту ҳоҷат зи хешони хеш,
Бибозанд ҷону равонро зи пеш.
Бувад ҷон дар андешаи костан,
Зи бегонагон ҳоҷате хостан!
Надонанд қадри ту бегонагон,
Шуморандат аз хайли девонагон!
Чунин гуфт доно, ки доно манам,
Ки ман даст дар тӯбраи худ кунам!

## Қадам аз дӯстон мабуред

Чуноне ки дилпок шуда дӯст, ту
Сазовортар чун тану пӯст ту!
Мабур зуд, дар дӯстӣ кун фазун,
Ҳам аз баҳри вай даст дарзан ба хун!
Ҳар он, к-ӯ зи дил дӯстдори ту шуд,

Чунон дон, ки аслу табори ту шуд!

Накӯ гуфт донандаи несту ҳаст:

«Маро дӯсти нек аз бародар биҳ аст!».

**Дӯстони куҳанро фаромӯш макунед**

Зи бахт ар кунад давлатат бахтёр,

Ниҳода дил аз дӯстон бармадор!

Сипоси Ҷаҳонофарин пеша кун,

Мабур ҳиммат аз дӯстони куҳун,

Ки чунон шунидам ман аз дӯстон,

Зи ҳамшаклу ҳамшгӯшт, ҳампӯстон,

Ки ҳар, к-ӯ кунад дӯстиро ният,

Ба андӯҳу шодӣ кунад таҷрибат!

**х х х**

Яке достон зад баландахтаре,

Ки мастур кам дидаам духтаре!

Ба чизе, ки набвад туро хайру шар,

Мабош аз Худованд дилсӯзтар!

Якеро ҳамесӯхт доман ба дашт,

Яке сӯхтадил бар ӯ баргузашт.

Варо, гуфт, дил сӯхта буд ба ман,

Ки дил сӯхт моро, туро пираҳан!

Ба нармода наспурд ҳаргиз касе,

Шунидам зи донои пешин басе!

Чӣ гуна чахад хира бо бодгард?!

Касе пунба аз ҷуфти оташ накард!

Ба олам кӣ ҷӯяд, зи хурду бузург,

Қасобӣ зи гурба, шубонӣ зи гург?!
Бувад марди густох беқадру ҷоҳ,
Набошад бари кас варо пойгоҳ!
Ҳар он кас, ки бошад ба дил ҳушёр,
Надорад ба бад душмани хеш хор,
Ки душман бувад баччаи пиргург,
На то дер бинӣ, ки гардад бузург.
Сиришт аст мар гургро реманӣ[80],
Нашояд бар ӯ доштан эманӣ!
Чунин гуфт бо Баҳман Исфандёр[81]:
«Зи душман макун дӯстӣ хостор!
Агар донишу дин туро ҳасту кеш,
Магӯ, то тавонӣ, ба кас рози хеш,
Ки ҳарчанд кӯшӣ дар ин рӯзгор,
Наёбӣ касе ростгӯ, роздор!».
Чунин гуфт доно, ки роз аст ганҷ,
Ниҳон беҳ бувад ганҷ, мафзой ранҷ!
Накӯ гуфт донандаи бостон:
«Зи беномунангон мазан достон!
Бихур заҳр дар хонаву шав бадар,
Чунин гӯ, ки акнун бихӯрдам шакар!
Басе гуфтан, ай дӯст одат макун,
Ки некӯ бувад мардуми камсахун!».
Накӯ гуфт шоҳи араб дар Араб,
Ки бикшода беҳ дидаву баста лаб!
Агар марди донандаи боҳушӣ,
Марон беҳтар аз зиндагонӣ хушӣ!
Накӯ гӯяд он пири дидаҷаҳон,
Ки чизе беҳ аз зиндагонӣ мадон!

## ТАВЗЕҲОТ

[1] **Тахту ољ -** сарир, авранг ё нишастгоњи подшоњ, ки аз устухони фил сохта шуда бошад.
[2] **Кисро** – арабишудаи **Хусрав** – лаќаби шоњ Хусрави Анўшервони сосонї ва дигар шоњони сосонии баъди ў.
[3] **Муштарї** – бузургтарин сайёраи системаи Офтоб – Юпитер, ки Бурљис ва Њурмузаш низ номидаанду мунаљљимони ќадим онро муборак шуморида, Саъди акбару Ќозии фалак њисобаш мекарданд; **муштарї** – харидор, муштоќ, орзўманд, хоњон, талабгор, толиб.
[4] **Кунгара/кунгура** – дандонаи сари девор, сари дандонадори девори ќалъаву ќасру кўшку кохи подшоњї, шурфа
[5] **Хавф** – самте, ки Офтоб аз он тулўъ мекунад; тарафи шарќ; Машриќзамин, Ховарзамин, ки мо дар он зиндагї мекунем.
[6] **Сутург** – бузург, олї, судманд.
[7] **Марди палос** – киноя аз марди орифу фозил.
[8] **Арзониён** – одамони шойиста, муносиб, сазовор, ќадрдон, сипосгузор, арзанда.
[9] **Гењонхидев** – гайњонхидев/кайњонхидев, худованди љањон, молики олам, Худо.
[10] **Пазира/пазиро** – ќабул, истиќбол, пешвозгирї; **пазира/пазиро машав** – ќабул накун, напазир; **пазируфтан** – ќабул кардан, ба гўш гирифтан, рањнамо ќарор додан**;** **пазиранда** – ќабулкунанда, маќбулшуморанда.
[11] **Кеши оњарманї** – рафтору кирдори оњарманї, ойини бадкорї; **Оњарман/Ањраман** ќувваву рўњи бадї ва рањнамойи бадињо дар дини зардуштї буда, аз калимаи ангроманю (дар Авасто) сарчашма мегирад, ки бадандешу бадкеш гуфтан аст.
[12] **Кайфар бурдан** – љазо дидан,уќубат кашидан, гирифтори азоб гардидан.

[13] **Паҳлавон Ардашер** – аз асилзодагону родмардону подшоҳони Эрони Қадим аст, ки дар «Шоҳнома» - и Абулқосими Фирдавсӣ ва дигар осори паҳлавонии форси тоҷикӣ тасвиру тавсиф ёфтааст.
[14] **Газоф/гизоф (газофа/гизофа) –** беҳуда, дурӯғ, беасос;сафсата, ҳазён; хато, гуноҳ.
[15] **Марди ҳур** – марди покиза, хирадманд, оқил, насиҳатгӯй.
[16] **Киҳу миҳ** – калону хурд, пиру барно.
[17] **Бат** – мурғи обӣ, мурғобӣ
[18] **Сазад** – бошад, сазовор бошад, арзад.
[19] **Сӯзиён** – кӯтоҳшудаи суду зиён.
[20] **Вубол** – ҳайф, дареғ, нораво.
[21] **Базл кардан** – бахшидан, харҷ кардан, сарф намудан.
[22] **Саройи сипанҷ** – дунёи муваққатӣ, олами даргузор, рӯзгори фонӣ.
[23] **Мулкати молу ганҷ** – молу мулке, ки дар тасарруфи касе бошад; ганҷу доройӣ.
[24] **Нӯшинравон** (Нӯшервон) – шоҳи сосонӣ Хисрави Анӯшервон, ки дар адлу дод беназир буда, дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба рамзи некиву накӯкорӣ табдил ёфтааст.
[25] **Гузин** – пеша кун, раво дор, ихтиёр кун
[26] **Раста шавад** – наҷот ёбад, озод шавад; **растагӣ –** озодӣ, раҳойӣ, безиёнӣ, эминӣ.
[27] **Оз** – ҳирсу тамаъ, гурусначашмӣ; ниёзу иҳтиёҷ; **бешию оз** – сарватмандиву камбизоъатӣ, доройиву камбағалӣ; бешиву камӣ.
[28] **Гузир** – чора, илоҷ, тадбир.
[29] **Ҷаҳони каҳун** – дунёи кӯҳан, олами деринасол, ҷаҳони фонӣ.
[30] **Чунон дон, ки ҳар соъат ояд ба бун** – дар хотир дошта бош, ки дунёи фонӣ зуд даргузар аст, лаҳза ба лаҳза охир меёбад (ба бун меояд).
[31] **Ба манзил даранги набошад касе** – дар ин манзил (дунёи гузарон) касеро дарангӣ (таъхир, истодагарӣ, босаботӣ, устуворӣ, ҷовидоният, абадият) набошад: оқибат ҳамаи мардум (халқ) аз ин корвонгоҳ хоҳанд рафт.
[32] **Хари бефасор-** хари беафсор, моркаби бенӯхта; киноя аз худношиносиву ҳадшиканӣ.
[33] **Ситуда шудан** – писандида шудан, иътироф гардидан, мақбул омадан.
[34] **Мудоро** – муросову мувосо, сулҳу оштӣ, лутфу нармӣ.
[35] **Лаҷуҷӣ** – ситезакорӣ, якравӣ, гарданшахӣ, нописандӣ, инодкорӣ; **лаҷоҷ** – ситезаву хусумат, ҷидолу моҷаро, иноду саркашӣ.
[36] **Давоҷ** – кӯрпа, бистар,ҷойхоб.
[37] **Донойи тозаманиш –** донишманди покизасиришт, олими асил.
[38] **Бадкуниш** – бадкирдор, бадрафтор, баттол, шарир.
[39] **Фариза набудан –** фармудаи Худо набудан, фарзу ҳатмӣ набудан (барои муслимин)
[40] **Мусолиҳ** – сулҳу салоҳ, оштиву мудоро.
[41] **Мӯъбад** – донишманди зардуштӣ.

[42] **Кас аз кадхудойї набошад дижам** – одам аз муддате раису сарвару доро буданаш ошуфтаву парешон набояд шавад, аз худ набояд равад: пулашро, дирамашро, пасандозашро на бањудаву бењуда (хира), балки оќилонаву сарфакорона харљ бояд кунад.
[43] **Накўњида бошад барои халќ дузд** – яъне: дузду муфтхор, ононе, ки “чизеро бар љое наннњодаанду безањмат талабу тамаъи онро доранд”, дар назди (бари, назари) мардум (халќ) таънасору моломатзада мебошанд.
[44] **Аз аввал дарахти љавона бикор…** - аввал нињол бишинону…
[45] **Бекабаст** – беталхї, ширин, пуршањд; **кабаст** – њанзал, ки талх аст.
[46] **Дижам** – ошуфта, парешон; ѓазаболуд, хашмин; пушаймон, мутаассиф.
[47] **Газоф/гизоф** – њарза, дурўѓ, сафсата; **лофу газоф** –дурўѓу зиёдагўйї, кизбу ёфа.
[48] **Ѓаммоз** – наммом, суханчин; дурўя, фиребгар.
[49] **Ѓамзгўй –** дурўѓгўй, ањдшикан; **ѓамз** – наммомї, хабаркашї, фитнагарї.
[50] **Фурўмояву дун –** разил, сифла, нокас, бадљинс, пастфитрат.
[51] **Муњобову озарм –** шарму њаё, имону инсоф, иззату њурмат, ѓуруру ифтихор.
[52] **Машъум –** бадрў, маннњус, номуборак.
[53] **Ќубод –** яке аз подшоњони сосонии Эрони Ќадим, падари Нўшинравон, ки марди донову хирадманде будааст.
[54] **… бар бад бисеч… -** омодаи дар бадали бадињоят ба бад гирифтор шуданат бош…
[55] **Њар он, к-ў занонро мусаххар шавад… –** њар кассе, ки мутеъу фармонбардори занон гардад…
[56] **Зани пир њарчанд мастуртар… -** пирзан (аз љавонзан) мастуртар (пўшидатар, покдомантар) бошад њам…
[57] **Зарирї –** зардранг; **зарир –** гиёњи зарде, ки бо шираи он матоъ ранг кунанд.
[58] **Забунгир –** ѓофилгир, хапгир, ногањонї газанда, ногањонї њамлавар.
[59] **Сифла –** фурўмоя, нокас, разил.
[60] **Ки сифла бувад буњифозу сафињ,**
**Наёбї њисолеву ло њусна фињ!**
- яъне: сифла чунон бепарњезу баттол ва нодону аблањ аст, ки дар ў на хислати хубе дармеёбиву на њусну љамоле!
[61] **Адам –** нестї, нобудї, њечї.
[62] **Зинњорхора –** паймоншикан, ањдшикан; касе, ки ба ќавлу ањдаш устувор нест; одаме, ки ба молу љони дигарон хиёнат кунад.
[63] **Ба хоса, ки донанд дурљ аз давољ…–** ба вижа, ки онњо (дабирон)сандуќчаи љавоњирот (дурљ)-ро аз давољ (кўрпа, бистар, рахти хоб), яъне некро аз бад, зарро аз хок, гаронро аз арзон фарќ мекунанд…
[64] **Дабирон –** мирзоён, мунииён, муњосибон, муъаллимон; киноя аз ањли донишу хату савод.
[65] **Марди њур –** љавонмард, озоданажод, наљиб.
[66] **Силлат –** инъом, бахшиш, ато.

[67] **Кибру уљб –** ѓуруру худписандї, кибру њавобаландї.
[68] **Иззу зулл –** иззату хорї, манзалату мазаллат, арљмандиву њаќирї.
[69] **Дастури шоњи Пашанг –** вазири шоњ Пашанг, ки аз асилзодагони Эрони Ќадим будааст.
[70] **Миёнљї –** миёнаравї, дахолати нољо, кўшиши бењуда.
[71] **«Номаи офарин»** гуфта муаллифи гумном њамон «Офариннома» ном маснавии шоъири њамасри Устод Рўдакї – Абўшакури Балхї (соли таваллудаш 915) – ро дар назар дорад, ки аз он 372 байт боќї монда, байти мазкур аз љумлаи онњост.
[72] **Карона кун аз марди дуну бахил,**
**Чу хоњї, ки набвад туро ќолу ќил!**
– агар хоњї, ки аз ќолу ќил (љанљолу кашмакаш, ѓайбати мардум) дар Амон бошї, аз одами дуну бахил (пасту лаъим, нокасу мумсик) канора љўй (дур бош)!
[73] **Бахилон дахилони олам буванд…–** одамони мумсику нотавонбин (бахилон) дахилон (шарикон, сањмдорон) – даъвогарони олам (сарвату доройї) мебошанд…
[74] **Пуроњу –** пур аз айбу нуќсон, манфур.
[75] **Саройи баќову саройи фано –** олами боќиву олами фонї, он љањону ин љањон.
[76] **Њирсу оз –** орзуву талаби барзиёд, њарисиву тангчашмї, њирсу тамаъ.
[77] **Љавони њажир –** љавони дилкашу барно, хурраму ќавї, чусту чолок.
[78] **Моѓу зоѓ –** мурѓобиву зоѓи сиёњ.
[79] **Њакими Аљам** гуфта, ба гумонам, њакими бузурги Машриќзамин Ибни Синоро дар назар дорад, зеро «њаким» маънињои доно, табиб, шифокор, соњибњикмат, файласуф, олимро ифода мекунад, ки хоси донишманди бузурги тољиканд.
[80] **Реманї –** бадиву бадхоњї, табањкорї; **реман –** маккор, айёр, њилабоз, нопок, саркаш.
[81] **Бањману Исфандиёр –** Писару падар, подшоњони Эрони Ќадим.

**МУНДАРИЉА**

**Дебоча……………………………………………………………3-**
**Пандномаи Анўшервон…………………………………………..**
**Тавзењот…………………………………………………………**

**Пандномаи Анӯшервон**

Муњаррири ороиш

Муњаррири сањифабандї

Мусањњењ

Ба матбаа супорида шуд. Ба чопаш имзо шуд. Коѓази офсетї. Њуруфи адабї. Андозаи . Љузъи чопии шартї ________. Љузъи рангаи шартї _____. Љузъи нашрию њисобї ________. Адади нашр ________ нусха. Супориши № ______.